**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 33**
**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- **Баргузор гардидани мизи мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ - воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ»**
- **Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ**
- **Мулоқотҳои намояндагони Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ бо шарикон вобаста ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро**

## БАРГУЗОР ГАРДИДАНИ МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ - ВОСИТАИ ТАЪМИНКУНАНДАИ МУКОЛАМАИ ОЗОДИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

05 феврали соли 2013, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мизи мудаввар дар мавзӯи **«Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ»** баргузор гардид.




Дар кори мизи мудаввар намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон иштирок намуданд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04, 610 60 09;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

Мизи мудавварро Роҳбари Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ Завқиҷон Завқиев ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки мақсади доир намудани мизи мудаввар ҷамъбасти дастовардҳои Шӯрои сармоягузорӣ дар соли 2012 ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯро барои соли 2013, инчунин мубодилаи афкор байни шарикон мебошад.

Сипас, маърӯзаи Роҳбари Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ Завқиҷон Завқиев оид ба фаъолияти Шӯро дар соли 2012 шунида шуд. Зикр гардид, ки дар соли ҳисоботӣ Шӯрои сармоягузорӣ тахти сарварии Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду ҷаласаи худро гузаронид, ки дар онҳо як қатор масъалаҳои мубрами беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.



Ислоҳоти татбиқшударо дар самтҳои муҳайё намудани заминаи ҳуқуқиву иқтисодӣ барои ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ислоҳоти низоми андозбандӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, соддатар намудани чараёни санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ҳамчун дастовардҳои назарраси Шӯрои машваратӣ дар соли гузашта номбар кардан ҷоиз аст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи фаъолияти Шӯро, Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ” таҳия карда шуд.

Инчунин дар идомаи ибтикорҳои Шӯрои сармоягузорӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи Созишномаҳои инвеститсионӣ» ва Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ қабул гардиданд ва Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳидро (бо ибораи дигар Конвенсияи Ню-Йорк) оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражии хориҷӣ тасдиқ намуд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04, 610 60 09;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj

Мавриди зикр аст, ки натиҷаҳои ислоҳоти доиршуда аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, Тоҷикистон тибқи Ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ “Пешбурди соҳибкорӣ” дар соли гузашта мавқеи худро боз 6 зина боло бурд.

Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои таъсис ва ташаккули ҳамкориҳои байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам овард, ки имрӯзҳо шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияи Фархор фаъолияти пурсамар доранд. Бо супориши Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ ҷараёни таъсиси чунин Шӯро дар назди Раиси шаҳри Душанбе ва водии Рашт идома дорад.

Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ дар ҳамкории зич бо намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд мунтазам номгӯи масъалаҳои афзалиятнокро барои доир намудани ислоҳот муайян намуда, вобаста ба ҳар як масъалаи аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳодшуда таҳлилҳои лозимӣ мегузаронад ва натиҷаи онҳоро ба баррасии Шӯрои сармоягузорӣ пешниҳод мекунад.

Дар хотимаи суханронии худ Роҳбари Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ Завқиҷон Завқиев зикр намуд, ки дар асоси пешниҳодҳои бахши хусусӣ масъалаҳои зерин, аз ҷумла тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ; беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта; ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат; мусоидат ба шомил гардидани Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (ё Конвенсияи Апостил аз соли 1961) оид ба эътироф намудани ҳуҷҷатҳои кишвари шомилшудаи Конвенсия дар кишвари шомилшудаи дигар ва идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки Шӯрои машваратӣ дар соли 2013 муайян гардиданд.

Сипас, дар кори мизи мудаввар аз номи шарикони рушди Тоҷикистон, Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Улф Ҳиндстром ва аз номи бахши хусусӣ Раиси Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Изатулло Лалбеков баромад намуда, фаъолияти Шӯроро дар соли сипаригашта хуб арзёбӣ намуданд.

Дар охири мизи мудаввар байни иштирокчиён баҳсу мунозираҳо сурат гирифта, ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ фикру пешниҳодоти муфид манзур шуданд.





Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04, 610 60 09;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

## РУШДИ МУКОЛАМАИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР САТҲИ МИНТАҚАВӢ

Боиси хушнудист, ки бо мақсади ташаккули муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ, имрӯзҳо дар қатори вилоятҳо дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат низ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис ёфта истодаанд.

Айни замон, шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ноҳияи Фархор, шаҳрҳои Исфара, Истаравшан ва Панҷакент бо қарори раисони шаҳру ноҳияҳои мазкур ва дастгирии техникии Барномаи рушди СММ ташкил гардида, фаъолияти худро оғоз намудаанд.

Мақсади асосии шӯроҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя барои иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо махсуб гардида, ҳамзамон ба некӯаҳволии сокинон, ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ равона карда мешавад.

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо шӯроҳои навтаъсиси маҳаллӣ ҳамкориҳои зич ба роҳ монда, ҷиҳати густариши фаъолияти онҳо мусоидат хоҳад кард.

7-уми феврали соли 2013 Меморандум оид ба ҳамкорӣ миёни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо (САҲА) аз ҷониби Раиси Кумита мӯҳтарам Давлаталӣ Саидов ва муовини Роҳбари САҲА Ларсен Х.П. ба имзо расид.

Дар маросими баимзорасии Меморандуми мазкур Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Завқиҷон Завқиев ҳузур доштанд.

Тибқи Меморандуми имзошуда ҷиҳати иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ дар минтақаи Рашт (Ҷиргатол, Тоҷикобод, Рашт, Нуробод ва Тавилдара) таъсис дода шуд, ки дастгирии техникии онро ҷониби САҲА ба ӯҳда гирифт.

Мақсад аз таъсиси Шӯрои машваратии мазкур мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ноҳияҳои минтақаи Рашт ба ҳисоб меравад.

## МУЛОҚОТҲОИ НАМОЯНДАГОНИ КОТИБОТИ ШӮРОИ САРМОЯГУЗОРӢ БО ШАРИКОН ВОБАСТА БА МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ ШӮРО

14 феврали соли 2013, дар шаҳри Душанбе мулоқоти бисёрҷонибаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо намояндагони як қатор ташкилотҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба, аз ҷумла Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Агентии Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ доир гардид.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои татбиқи босамари қарорҳои Шӯро, аз ҷумла гузаронидани таҳлилҳо оид ба масъалаҳои дастрасӣ ба мамлакат, рушди сайёҳӣ ва соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва зарурияти такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти


Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04, 610 60 09;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj

субъектҳои соҳибкорӣ», инчунин мубодилаи мунтазами иттилоот мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Роҳбари Котиботи Шӯро Завқиҷон Завқиев вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда маълумот дод ва саҳми шарикони рушдро дар татбиқи қарорҳои Шӯрои сармоягузорӣ муҳим арзёбӣ намуда, зикр кард, ки ҳанӯз ҳам имкониятҳои мавҷуда пурра истифода бурда намешаванд. Аз ин лиҳоз, барои расонидани кӯмакҳои техникӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯрои сармоягузорӣ аз ҷониби шарикони рушд бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Дар навбати худ намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ иброз доштанд, ки айни замон кӯмакҳои техникии худро вобаста ба татбиқи як қатор қонунҳои қайдгардида расонида истодаанд ва минбаъд низ барои татбиқи қарорҳои Шӯрои сармоягузорӣ ҳамкориҳоро идома медиҳанд.

Дар хотима, Роҳбари Котиботи Шӯро Завқиҷон Завқиев изҳори умедворӣ намуд, ки масъалаҳои баррасишуда аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ хоҳанд ёфт.

Дар моҳи феврали соли 2013 вохӯриву мулоқотҳои мутахассисони Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ бо як қатор намояндагони шарикон доир гардид. Аз ҷумла чунин вохӯриҳо бо намояндагони Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Агентии Швейцария оид ба ҳамкорӣ ва дигарон гузаронида шуданд.

Дар вохӯриҳо масъалаҳои ҳамкории ҷонибҳо вобаста ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои сармоягузорӣ, аз ҷумла ҷиҳати гузаронидани таҳлилҳо ва тавсияҳо оид ба рушди бахши сайёҳӣ ва соддатар намудани расмиёти дастрасӣ ба мамлакат баррасӣ карда шуданд.

Вохӯриҳои мутахассисони Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ бо аъзои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтара намудани фазои сармоягузорӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ, Ассосиатсияи МИДАТ, Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар вохӯриҳо фикру пешниҳодоти намояндагони бахши хусусӣ оид ба чараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва татбиқи қарорҳои Шӯрои сармоягузорӣ шунида шуд. Ҷонибҳо иброз доштанд, ки ҳамкориҳои худро минбаъд боз ҳам тақвият хоҳанд дод.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Завқиҷон Завқиев-Роҳбари Котибот***
***Нумон Абдуҷаборов-мушовири иқтисодӣ***
***Умедҷон Умаров- мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова – ёвари маъмурӣ***



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04, 610 60 09;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**